ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**УДК: 338.26 (577.3)**
**ББК: 65.050. 9 (2Т)**
**Ш - 82**

***Ба ҳуқуқи дастнавис***

**ШОҲИЁН АБДУРАҲИМ МАҲМАДУЛЛО**

# АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР СУБЪЕКТҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ихтисос: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ

**ДУШАНБЕ – 2021**

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат иҷро гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Мирсаидов Аброр Бобоевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба илми Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Ҷабборов Абдусаттор Ҷабборович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон<br><br>**Олимов Аловиддин Хайруллоевич,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултаи баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур |
| **Ташкилоти тақриздиҳанда:** | **Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** |

Ҳимояи диссертатсия «23» январи соли 2021, соати $09^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар суроғаи зерин доир мегардад: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон https://www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _________соли 2020 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои**
**иқтисодӣ, дотсент** **Саидмуродова М. А.**

# I.ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Вазифаи муҳимми стратегии иқтисоди миллӣ баланд бардоштани суръат ва беҳтар намудани сифати рушди иқтисодӣ мебошад. Дар байни бисёр омилҳои муайянкунандаи шароит ва имкониятҳои рушди иқтисодӣ омилҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Таъсири онҳо дар ташаккули нишондиҳандаҳои арзишии фаъолияти системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилотҳо дар сатҳҳои гуногун, дар давраи ислоҳот, аксаран мақоми дуюмдараҷаро касб намуда, бо меъёрҳои ҷаҳонии муносибати ҷомеа ва тиҷорат, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ ҳамчун асоси рушди босуботи иқтисодиёт, мухолифат менамоянд. Дар айни замон, яке аз сабабҳои асосии монеаҳо ҷиҳати гузариши иқтисодиёти ватанӣ ба роҳи бозории муосир ва рушди иқтисодӣ кам аҳаммият додан ба нақши афзояндаи омилҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти кишвар, сармоягузориҳои маҳдуд дар рушди инсон ва ба назаррасии дегуманизатсияи (аз даст додани арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа) соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, зарурати таъхирнопазири ҳалли масъалаҳо ва имкониятҳои рушди шарикии иҷтимоӣ ва фаъолияти иҷтимоии масъулиятноки субъектҳои ҷумҳурӣ ба миён омад, ки яке аз самтҳои муҳим дар татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба шумор меравад. Дар он қайд гардидааст: "ояндаи кишвари мо бетағйир боқӣ мемонад – нигоҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некуаҳволии мардум".

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои гузаронидани ислоҳоти бозоргонӣ аслан оид ба муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва хусусияти ташкили онҳо дар бозорҳои гуногуни меҳнат нуқтаи назар тағйир ёфт. Ҷанбаҳои нави муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, пеш аз ҳама ба тағйироти куллии шакли моликият дар кишвар вобаста аст. Ин ба таври қатъӣ коҳиш додани моликияти давлатӣ ва фароҳам овардани фазои мусоидро барои моликияти коллективӣ ва хусусӣ ба вуҷуд овард, ки албатта ба бартарафсозии системаи мутамаркази идоракунии иқтисодиёт боис гардид. Дар ташаккули фаҳмиши нави сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва рушди шарикии иҷтимоӣ, нақши муҳимро ниҳодҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебозанд.

Шарикии иҷтимоии ба муносибатҳои боварӣ ва эмпатия асосёфта хоси системаҳои устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, дар натиҷаи субот ба миён омада, барои нигоҳ доштани он шароит фароҳам меорад ва аслан ба шакли дарозмуддати муносибатҳои шарикӣ нигаронида шудааст. Ин ҷиҳати фаъол намудани раванди сармоягузорӣ дар иқтисодиёт нақши муҳим дорад, ки бидуни самаранок ба роҳ мондани он рушди босифати иқтисодӣ ғайриимкон аст. Рушди устувори иқтисодӣ ва соҳибкории бомасъулияти иҷтимоӣ, воридшавии ихтиёриро ба муносибатҳои шарикӣ ва дар ҳадафу вазифаҳои худ эътироф намудани афзалияти манфиатҳои умумии

шариконро пешбинӣ менамояд. Консепсияи масъулияти иҷтимоӣ, айни ҳол танҳо дар қисме аз субъектҳои иқтисодиёти ватанӣ татбиқ мегардад. Идеяҳои корпоратизм, ҳамчун дастоварди муштараки натиҷаҳои иҷтимоидоштаи фаъолияти иқтисодӣ дар асоси тақсимоти одилонаи нақш ва функсияҳои иҷтимоӣ-ташкилӣ дар байни шарикон фаҳмида шуда, оҳиста-оҳиста дар маркази диққати фаъолияти иқтисодии корхонаву ташкилотҳо қарор мегирад, ки дар асоси муносибатҳои самараноки иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ манфиатдор ҳастанд.

Коркарди асосҳои назариявии рушди шарикии иҷтимоӣ ва асосҳои методологии таҳқиқи он дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ, ки дар он фаъолияти мустақилу озоди субъектҳои иқтисодӣ сурат гирифта, муҳиммияти шарикии иҷтимоӣ ва таъмини рушди инсон ва сармояи инсонӣ зери муносибатҳои иқтисодию бозорӣ ва принсипи ратсионализми иқтисодӣ, ки бо гирифтани фоида маҳдуд мешавад, имкони аз мадди назар дур мондан ба вуқӯъ меояд. Бинобар ин, омӯзишу таҳқиқи моҳияти категорияи шарикии иҷтимоӣ, ҳолати муосири ташаккулу рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии мамлакат ва коркарди асосҳои методии арзёбии раванди он ва механизмҳои таъмину рушди шарикии иҷтимоӣ масъалаи мубрами рӯз мансуб меёбад. Дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ ин масъалаҳо дар илми иқтисоди ватанӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нагардидааст. Шарикии иҷтимоӣ пеш аз ҳама мафҳумест, ки бо назарияи институтсионалӣ равобити зич дошта, амалӣ гардондани он такмили механизмҳои институтсионалиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, дар мавриди таҳқиқи асосҳои методологии арзёбии шарикии иҷтимоӣ ба равишҳои институтсионалӣ такя карда шудааст. Дар асоси гуфтаҳои зикргардида, қайд намудан мумкин аст, ки муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба инҳо асос ёфтааст:

– зарурати баланд бардоштани на танҳо сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар, инчунин таъмини рақобатнокии он, ки дар асоси фаъол намудани омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ имкон дорад;

– набудани таҳқиқот дар бораи асосҳои институтсионалии категорияи “шарикии иҷтимоӣ”-и мувофиқ ба иқтисодиёти кишвар;

– таҳияи нокифояи асосҳои методологӣ ва методии азрёбии таъсири омилҳои рушди шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидор.

**Дараҷаи коркарди масъала**. Дар қатори олимони хориҷие, ки ба анъанаҳои илми ватанӣ оид ба омӯзиши муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва шарикии иҷтимоӣ асос гузоштаанд, метавон шахсони зеринро номбар намуд: В.В. Берви-Флеровский, Н.Х.Бунге, В.П. Литвинов-Фалинский, П.Б.Струве, М.И.Туган-Барановский, И.Гайнуллин, Б.М.Генкин, Н.А.Горелов, А.Л.Жуков, Ю.П.Кокин, Н.Е.Колесников, Р.П.Колосова, Н.Х.Курбанов, И.С.Маслова, В.А.Михеев, О.В.Нетребский, В.Д.Патрушев, В.К.Потемкин, О.В.Русинов, И.Н.Рошко, В.В.Синов, В.А.Ядов ва дигарон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи нишонаҳои функсионалии муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва

ваколатдори давлатӣ татбиқ мегарданд, дар асарҳои олимон, ба монанди Низомова Т.Д., Амонова Д.С., Усмонова Т.Д., Комилов С.Ҷ. Ғаниев Т.Б., Мирсаидов А.Б., Қурбонов А.Х., Қаюмов Н.Қ., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Л. Ҳ., Кандиёрова Д.О., Қодиров Д.Б., Исайнов Ҳ.Р., Умаров Х.У., Султонов З.С. ва дигарон инъикос ёфтаанд. Дар асарҳои онҳо гуногунии муносибатҳои тактикӣ ба ташаккули системаҳои шарикии иҷтимоӣ дар асоси стратегияҳои умумӣ инъикос ёфтаанд, ки ба дарёфти созиш бо назардошти манфиати тарафҳо мавқеъ мегирад. Аммо айни замон, муайянкунӣ ва асосноккунии нақш ва ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар рушди бозори меҳнат ва хусусиятҳои идоракунии он дар сатҳҳои гуногун, ки аслан нокифоя аст, корҳоеро, ки ба омӯзиши асосҳои институтсионалии таъсири шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодӣ ва роҳҳои идоракунии ин раванд равона гардидааст тақозо мекунанд. Ин ҷиҳати ташаккул додани система ва методҳои ҳамкориҳои мутақобилаи ниҳодҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодии он зарур аст.

Рафтори институтсионалӣ дар омӯзиши динамика ва хусусиятҳои таъсири шарикии иҷтимоӣ ба сатҳи субъектҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ба дарки он асос ёфтааст, ки умқи таназзули иқтисодӣ ва гузариш ба рушд ба мавҷуд будани ниҳодҳои бозори меҳнат вобаста аст. Ин метавонад ҷиҳати гузаронидани ислоҳот кӯмак намояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар коркарди консепсияи рушди асосҳои институтсионалии ташаккули шарикии иҷтимоӣ ҳамчун самти калидии рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

**Объекти таҳқиқот** ниҳодҳои иҷтимоиву иқтисодӣ (асосҳои институтсионалӣ), ки ташаккул ва фаъолияти ниҳоди шарикии иҷтимоиро дар низоми иқтисодии мамлакат таъмин менамояд.

**Предмети таҳқиқотро** ниҳоди масъулияти иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ташкилиро дар раванди алоқаи тарафайни меҳнату сармоя, кормандон, корфармоён ва ҳокимияти давлатиро дар бар гирифтааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда зарурати ҳалли масъалаҳои зерин ба миён омад:

– муайян намудани моҳияти ниҳоди шарикии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва равишҳои методологию методии арзёбии шарикии иҷтимоӣ дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ;

– асоснок намудани шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи таркибии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва механизми гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ;

– муайян намудани қонуниятҳои рушди фарҳанги институтсионалӣ ва таъсири он дар тамоюли инкишофи шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодӣ;

– муаяйн намудани заминаҳо, раванди ташаккул ва рушди ниҳодҳои шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва таъсири он ба рушди иқтисодӣ;

– таҳияи асосҳои консептуалӣ ва роҳнамои стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии ҷумҳурӣ;

– таҳияи тавсияҳо оид ба ташаккули принсип ва механизмҳои ташкили системаи мониторинги рушди масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодии мамлакат.

**Усулҳои таҳқиқот.** Ба сифати методҳои асосии таҳқиқот дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибати системавӣ ва таҳлили системавӣ истифода гардидаанд, ки имкон медиҳад хусусиятҳои рушди бозори меҳнат умуман аз мавқеи кишварҳо, инчунин методҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ, таҳлилҳои графикӣ ва оморӣ таҳқиқ карда шаванд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Самти таҳқиқот ба ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ. Зербандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонуниятҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва рушди он: принсипҳо, тамоюлҳо ва хусусиятҳо; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; гуманизатсияи рушди иқтисодӣ; 1.2. Алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4.Назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқат мекунад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2015-2020-ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоиши таҳқиқот.** Таҳқиқот дар назди кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат гузаронида шудааст. Ба сифати маъхази меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия қонунгузориҳо ва дигар санадҳои граждании-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, мақомоти системаи шарикии иҷтимоӣ истифода гардидаанд, ки бевосита бо масъалаҳои институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо саҳеҳии матлабҳои асосии пажӯҳиш амиқ буда, самтҳои фаъол, хулоса ва тавсияҳо дар доираи таҳқиқоти фундаменталӣ ва назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ сурат гирифта, дорои омӯзиши муаммои асосҳои институтсионалӣ ва ташаккул, рушд ва истифодаи самаранокии ниҳоди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои хоҷагидори иқтисоди миллии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз дастовардҳои илмӣ ва нашриҳои олимони ватанию хориҷӣ дар самти назарияи иқтисодӣ, иқтисоди сиёсии меҳнат, назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва шарикии иҷтимоӣ иборатанд. Барои тасдиқи методҳои таҳияшуда, маҷмӯи васеи маълумоти расмии ҳисоботҳои оморӣ истифода гардидааст.

**Манбаи иттилоотии** таҳқиқоти диссертатсиониро назария ва амалияи омӯзишҳои иқтисодии олимони гуногун дар марҳилаҳои муайян ва корҳои олимони ватанию хориҷӣ, натиҷаи корҳои институт ва марказҳои пешбарандаи илмӣ-татқиқотӣ, маводи коференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ташкил додаанд. Ба ғайр аз ин, ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, захираҳои интернетӣ, ҳисоботи солонаи корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт ва ғайра истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ **аз** коркарди асосҳои консептуаливу институтсионалии ташаккул ва рушди ниҳодҳои шарикии иҷтимоӣ ва меъёрҳои арзёбӣ ва механизмҳои рушди шарикии иҷтимоӣ, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд, иборат мебошад.

Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҳолатҳои зерин иборат мебошад:

– моҳияти мафҳуми "шарикии иҷтимоӣ" ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро доир ба муҳиммияти муносибатҳои меҳнативу иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар низоми муносибати молумулкӣ ва мубодилоти манфиатҳои иҷтимоию моддӣ ифода намуда, раванди гуманизатсияи истеҳсолотро фаъол мегардонад, муайян карда шудааст;

– сохтор ва робитаи мутақобилаи ниҳодҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун асоси институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ муайян гардида, алоқамандии робитаҳои институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ ва сармояи иҷтимоӣ муқаррар карда шуданд;

– ба сифати асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши шарикии иҷтимоӣ истифодаи равишҳои институтсионалӣ пешниҳод мегардад, ки аз вобастагии тарафи иҷтимоиву технологии фаъолияти истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ бармеояд. Муайян карда шудааст, ки дар замони муосир шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди муҳим ҷиҳати созиши манфиатҳои иштирокдорон дар ҳалли зиддиятҳои бавуҷудомада дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои хоҷагидор баромад менамояд;

– нақш ва ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар рушди тамоюли гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ, аз байн бурдани тазод миёни сармоя ва меҳнат, хусусияти робитаҳои институтсионалӣ миёни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудаанд; сабабҳои ба миён омадани зиддияти функсияҳои тасарруф, тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо аз нуқтаи назари рафтори институтсионалӣ шарҳ дода шудааст;

– асосҳои методологӣ ва методикаи арзёбии сифативу миқдории таъсири сатҳи инкишофи шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ таҳия гардиданд; вобастагии мустақими сиёсати иҷтимоии давлат ва шарикии иҷтимоӣ муайян карда шудааст; омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ ва сатҳу сифати таъсирбахши он ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидор тавсиф карда шудааст;

– муносибатҳои консептуалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ таҳия гардида, принсипҳои методии ташкили системаи идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар самти фаъолияти иҷтимоии субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт пешниҳод гардиданд; рушди ниҳодҳои алоҳидаи шарикии иҷтимоӣ таҳия карда шуда, шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ (таҳияи заминаи методологии муқоисаи саҳми корхонаҳо дар рушди ҷомеа), шакли ягонаи системаи ҳисоботдиҳӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ ва тарзу услуби асоснок намудани сатҳи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо имконияти истифодаи хулосаҳои мухтасар ва пешниҳод барои мукаммал намудани сохтори институтсионалӣ ва ташкили ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, корфармоён дар сатҳи гуногун дар ташаккули сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Метод ва қоидаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардида, мумкин аст аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо, кормандони дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои иттифоқҳои касаба ҳангоми омода намудани лоиҳаи институтсионалӣ ва татбиқи низоми шарикии иҷтимоӣ истифода карда шаванд.

Маълумотҳои диссертатсияро метавон дар раванди таълими донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисоди миллӣ” ва ғайра истифода намуд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

– муайян намудани моҳияти мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ” на танҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, балки ҳамчун ниҳоде, ки ташаккули рафтори муносиби агентҳои иқтисодӣ ва боло рафтани сифати гуманизатсияи истеҳсолотро мусоидат менамояд;

– муқаррар намудани сохтор ва робитаи мутақобилаи ниҳодҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун асоси институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ ва гуманизатсияи истеҳсолот, тавсифи алоқамандии институтсионалии рушди иқтисодӣ, шарикии иҷтимоӣ ва сармояи иҷтимоӣ;

– асоснок намудани пешниҳод оид ба истифодаи равишҳои институтсионалӣ ба сифати асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши шарикии иҷтимоӣ, ки аз вобастагии тарафи иҷтимоиву технологии раванди истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ бармеояд;

– дар пояи назарияи рафтори институтсионалӣ муайян намудани хусусияти робитаи институтсионалӣ дар байни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ ва таҳлили сабабҳои ба миён омадани зиддияти функсияҳои тасарруф, тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо;

– асоснок намудани асосҳои методологӣ ва методии арзёбии таъсири сатҳи инкишофи шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ ва муайян намудани омилҳое, ки вобастагии иҷтимоии ташаккулдиҳандаи рушди иқтисодиро муайян намуда, бо системаи ҳадафҳои дарозмуддати рушди он алоқаманд аст;

– муносибатҳои консептуалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ таҳия гардида, принсипҳои методии ташкили системаи идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар самти фаъолияти иҷтимоии субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт пешниҳод гардиданд;

– асоснок намудани пешниҳод оид ба шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ (таҳияи заминаи методологии муқоисаи саҳми корхонаҳо дар рушди ҷомеа; коркарди шакли ягонаи системаи ҳисоботдиҳӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ; асоснок намудани сатҳи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ) ва ғайра.

**Саҳми шахсии муаллиф**. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи таҳқиқоти илмӣ, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар таҳқиқи асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ ва арзёбии сатҳи таъсири он ба рушди иқтисодӣ ва гуманизатсияи фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ ва такмилдиҳии асосҳои консептуалӣ оид ба тартиб додани шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маърӯзаи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо донишҷӯён аспирантҳо, унвонҷӯйҳо ва докторантҳои Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат арзёбӣ шудаанд.

Гузоришҳои назариявию методологии таҳқиқи диссертатсионӣ дар фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон истифода гардидаанд, ки тавассути маълумотномаҳо оид ба татбиқ собит карда шудаанд.

Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми омода намудани китоби дарсӣ ва омӯзиши фанҳои "Шарикии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии коргарон" дар Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат истифода шуданд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот.** Вобаста ба матлабҳои асосӣ ва пешниҳодҳои диссертатсия 11 мақола бо ҳаҷми умумии 6,6 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 7 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, 3 боб, хулоса ва пешниҳод ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 182 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 106 сарчашмаро дарбар мегирад, ки муаллифон муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мебошанд.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, баҳогузории дараҷаи коркарди илмии масъала анҷом ёфта, объект ва предмети таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии кори диссертатсионӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян гардидаанд.

Дар боби якум – **«Асосҳои назариявӣ ва методологии муносибати институтсионалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар низоми иқтисодиёт»** масъалаҳои марбут ба тавсифи моҳияти масъулияти иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ниҳоди танзимгари муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми гуманизатсияи фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ баррасӣ гардида, ҳамчунин ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар сохтори ниҳодии (институтсионалии) танзим ва рушди иқтисодиёт муайян карда шудааст.

Дар боби дуюм – **«Ҳолати муосири рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** заминаҳои ташаккул ва рушди ниҳодҳои шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, тамоюли гуманизатсияи рушди иқтисодӣ ва шарикии иҷтимоӣ дар мамлакат мавриди таҳқиқ қарор гирифта, арзёбии шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми рушди самараноки субъектҳои хоҷагидор ба иҷро расидааст.

Боби сеюм – **«Такмили асосҳои консептуалии самтҳои рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** асосноккунии тамоюли стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодиёти мамлакат, масъалаҳои такмили принсип ва механизмҳои арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ, инчунин самтҳои асосии баланд бардоштани он дар субъектҳои бахши хусусии иқтисодиётро дар бар мегирад.

**Дар хулоса ва пешниҳоди** диссертатсия натиҷаҳои асосӣ ва тавсияҳои амалӣ оварда шудаанд.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар диссертатсия тасдиқ карда мешавад, ки яке аз тамоюлҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷаҳони муосир иҷтимоикунонии фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти арзишманд ва узви иқтисодиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ гирифтори таъсири тамоюли иҷтимоикунонии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Бо назардошти васеъшавӣ ва мураккаб гардидани муносибатҳои бозорӣ, рӯ овардан ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии инноватсионӣ, баромадани корхонаҳо ба бозори ҷаҳонӣ аз корфармоён талаботи нав ба навро дар самти омода намудани мутахассисони касбӣ, ташкили музди меҳнати арзанда, фароҳам овардани

шароити муносиб барои ҳосилнокии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии коргаронро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама тағйирот дар мафҳуми масъулияти иҷтимоӣ ва таҳкими дониш дар ин самт зарур аст. Бинобар ин, муаллиф пайваста омӯзиши мафҳуми масъулият ва намудҳои он (ба монанди масъулияти молумулкӣ, шахсӣ, ҳуқуқӣ, маъмурӣ, шаҳрвандӣ, касбӣ ва ғайра), ки дар самти фаъолияти хоҷагидорӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мешавад, дар навбати аввал ба ҷойгоҳи масъулияти иҷтимоӣ ҳамчун меъёри таъсири рафтори субъектҳои иқтисодӣ ба вазъи ҷомеа, ки на танҳо вобастагии маҳдуди ҳуқуқӣ дорад, балки фаҳмиши илмии кофиро тақозо менамояд, мавриди таҳқиқи бунёдии худ қарор додааст.

Дар диссертатсия дар асоси омӯзиш ва назари таҳлилии шарҳи гуногуни моҳияти категорияҳои масъулияти иҷтимоӣ, ки дар адабиёти иқтисодӣ назарҳо гуногун аст, тавсифи муаллиф мавҷуд аст. Бо ҷамъбасти ҳамаи таърифҳои дар адабиёт зикргардида ва бо назардошти хусусиятҳои таҷрибаи хоҷагидории бозоргонии муосир, муайянии зерини масъулияти иҷтимоиро пешниҳод намудан мумкин аст: масъулияти иҷтимоӣ дар худ низом ё маҷмӯи муносибатҳо ва ҳамкории мутақобилаи байни агентҳои иқтисодиро таҷассум менамояд, ки ба ташаккул ва рушди муносибатҳои бозории ба самти иҷтимоӣ нигаронидашуда, муҳиммияти арзишҳои иҷтимоӣ ва уҳдадориҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин татбиқи арзишҳои мазкур дар ҳаёти рӯзмарра ва дурнамои рушдро дар бар мегирад. Муаллиф барои васеъ намудани моҳияти масъулияти иҷтимоӣ, самтҳои асосии татбиқи масъулияти иҷтимоӣ, ки қисматҳои зеринро фаро мегирад, ҷудо намудааст

– баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ бо назардошти тағйироти демографӣ ва талаботи имконпазири биосферӣ;

– таъмини шуғл-татбиқи эҳтиёҷоти инсон, захираҳои меҳнатӣ ба меҳнат;

– ташаккул додани қонунгузории мувофиқ, ки ба эҳтиёҷоти ҷомеа ва баҳсҳои ҷомеа мувофиқ аст;

– таъмини устувори истифодаи табиат, риояи меъёрҳои экологии муносибатҳои иқтисодӣ;

– таҳкими боварӣ дар ҷомеа, боло бурдани арзишҳои ахлоқии дорои аҳаммияти умумӣ;

– рушди инноватсионӣ, истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ ва иҷтимоӣ бехатар;

– коҳиш додани хароҷоти амалиёти ҳифзи (баргузории гуфтушунидҳо ва қабули қарорҳо, ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, назорат, ҳимояи ҳуқуқии шартномаҳо) молу мулк ва манфиатҳо, таносуби мувофиқи хароҷот барои истеҳсоли молҳои хусусӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра;

– бартараф намудани нобаробарии аз ҳад зиёди иҷтимоӣ, набудани низоъҳои иҷтимоӣ;

– таъмини рушди сармояи инсонӣ, (сатҳи баланди касбият, вазъи саломатӣ ва ҳавасмандии меҳнатӣ).

Дар диссертатсия вобаста бо мушкилоту мураккабии татбиқи шарикии иҷтимоӣ аз нуқтаи назари самаранокии иқтисодӣ ва тазоди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ақидаҳои мухолифи олимон, далелҳои тарафдор ва муқобили масъулияти иҷтимоӣ, ки дар адабиёти иқтисодӣ дида мешаванд, мавриди таҳлили назариявӣ қарор гирифта, аз тарафи муаллиф далелҳо ба ҷонибдории масъулияти иҷтимоӣ ва мавқеи он дар таъмини рушди иқтисодӣ, созгор намудани шароити мусоид ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт, пеш аз ҳама ба туфайли рушди инсон ва самояи инсонӣ асоснок карда шудааст. Дар диссертатсия нақш ва аҳамияти шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми гуманизатсияи муносибатҳои иқтисодӣ ва истеҳсолот, ки ба туфайли амалӣ гардонидани тадбирҳо оид ба фароҳам овардани шароити моддӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ, ки ба табиати иҷтимоии инсон мувофиқ аст, муайян шудааст.

Дар диссертатсия асоснок карда мешавад, ки таҳқиқу коркарди механизми татбиқи шарикии иҷтимоӣ бояд ба назария ва методологияи институтсионалӣ такя намояд. Зеро арзёбии шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ниҳод имконияти васеро ҷиҳати моделсозии эвристикӣ (фаъолияти эҷодии шахс) ва устувор гаштани рафтори агентҳои иқтисодиро дар гуманизатсиякунонии равандҳои истеҳсолӣ таъмин намуда, ҳамзамон барои таҳлили воқеии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ шароит фароҳам меорад. Вазифаи асосӣ ва мақсади шарикии иҷтимоӣ чун дигар ниҳодҳои иқтисодӣ на танҳо дар низоми иқтисодиву иҷтимоӣ “қоидаи бозӣ”-ро муайян менамояд, балки шакли ҷамъиятии ташкили муносибатҳои функсионалии иқтисодиву иҷтимоиро пайваста бо густариши ҳамкории кормандон ва кулли иштирокдорони муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат намуда, рафтори муносиби онҳоро ташаккулу рушд медиҳад. Муаллиф зикр менамояд, ки шарикии иҷтимоӣ дар доираи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аниқтараш муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ (муносибати байни меҳнат ва сармоя) ҳамчун ниҳоди танзимгар ва ниҳод-омили рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамгироии манфиатҳои иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ баромад менамояд. Модели алоқамандии муштараки иштирокдорони шарикии иҷтимоӣ (ҳокимияти давлатӣ, корфармоён ва коргарон) дар доираи фаъолияти он ҳамчун ниҳоди заминавӣ дар нақшаи 1 оварда шудааст.

**Нақшаи 1. Модели алоқамандии муштараки иштирокдорони шарикии иҷтимоӣ (ҳокимияти давлатӣ, корфармоён ва коргарон)**




Қайд мегардад, ки шарикии иҷтимоӣ як падидаи махсуси танзимшавандаи иқтисодиёти бозорӣ ба шумор меравад. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили назариявии ақидаҳои дар адабиёти иқтисодӣ мавҷудбуда, шарикии иҷтимоиро ҳамчун ниҳоди заминавии рушди иқтисодӣ ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст. Дар гурӯҳи аввал, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун идеологияи ташаккул ва рушди муносибатҳои ҳокимият, тиҷорат ва коргарони кироя ва ё сифати идеологияи нави муносибатҳои мутақобилаи корфармоён ва коргарон тавсиф ёфтааст. Гурӯҳи дуюм, шарикии иҷтимоиро ҳамчун ниҳоде, ки системаи муносибатҳои мутақобила дар байни мақомоти ҳокимияти давлатии зинаҳои гуногун, корфармоён (намояндагони онҳо) ва коргаронро (намояндагони онҳо), ки ҷиҳати таъмини ҳамоҳангсозии манфиати коргарон ва корфармоён бо тариқи ташкили гуфтушунид, ҷустуҷӯйи ҳалли мусбӣ ва мутақобилан судманди масъалаҳо дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ ва ғайра равона гардидааст, тасниф менамояд. Гурӯҳи сеюм бошад, шарикии иҷтимоиро ҳамчун ниҳод ва методи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-меҳнатӣ баррасӣ менамоянд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот ба ғояи гурӯҳи сеюм такя намудааст. Зеро шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ниҳод вобастагии иҷтимоии фаъолияти иқтисодии одамонро муайян менамояд. Ниҳоди номбурда на танҳо “қоидаи бозӣ” ва ё фаъолиятро, балки шакли ҷамъиятии ташкили муносибатҳои функсионалии ҳамкории иштирокдорон (корфармоён, коргарон, гурӯҳҳои меҳнатӣ, давлат) ва рафтору фарҳанги онҳоро дар низоми иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа муайян менамояд.

Дар диссертатсия, заминаҳои ташаккул ва рушди ниҳодҳои шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд мегардад, ки дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ташаккул ёфта, зарурати истифодаи

муносибатҳои сифатан нав дар масъалаҳои шуғл, ҳифзи иҷтимоӣ, ҳавасмандкунии меҳнатӣ ва маҳсулнокии он, музди меҳнат ва ғайра, ки онҳо дар сохтори муносибатҳои миёни субъектҳои бозори меҳнат, яъне коргарон, корфармоён ва давлат қарор доранд, тақозо мегардад. Муаллиф ҷиҳати омӯхтани қонунияти ташаккул ва рушди ниҳодҳои шарикии иҷтимоӣ ва арзёбии он дар Тоҷикистон ба таърихи ҷаҳонии пайдоиши ин падида назар намудааст.

Дар диссертатсия раванди ташаккули заминаҳои институтсионалӣ ва механизми шарикии иҷтимоӣ, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар сурат гирифта аст, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ ва афзудани шумораи корхонаҳои моликияташон гуногун заминаи ташаккул ва зарурати рушди шарикии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, пеш аз ҳама, раванди хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунонии моликият дар мамлакат, ки муносибатҳои меҳнатиро куллан тағйир медиҳад, мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар давраи солҳои 1991-2018 шумораи амволи хусусигардонидашуда аз 1455 воҳид то 13328 воҳид афзоиш ёфта, беш аз 9,1 маротиба зиёд мегардад. Беш аз 36,4%-и он дар давраи солҳои 1991-2000 сурат гирифта, дар давраи таҳлилӣ 2805 адад объекти соҳаи савдо ва 2490 адад объекти соҳаи хизматрасонии маишӣ хусусӣ гардонида шуда, беш аз 87,7%-и объекти хусусигардонидашуда ба объектҳои соҳаи савдо, хизматрасонии маишӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо рост меояд. Ба соҳаи саноат, сохтмон ва алоқа бошад, 12,3% рост меояд. Ҳамин тариқ, хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунонӣ ба афзоиши корхонаҳои хусусӣ мусоидат намуда, дар иқтисодиёти мамлакат тамоюли маҳдуд шудани доираи моликияти давлатӣ ва афзудани моликияти хусусию бахши хусусӣ ба назар мерасад. Вазни қиёсии муассисаҳои давлатӣ дар ин давра аз 47,8 то 20,7 фоиз коҳиш ёфта, вазни қиёсии корхонаҳои хусусиву коллективӣ аз 50,3% то ба 77,2 % афзоиш меёбад (ниг. ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.**Вазни қиёсии корхонаҳои аз рӯйи шакли моликият (%)**

| **Нишондодҳо** | **1991** | **2000** | **2005** | **2010** | **2018** | **Тағйирот (+,-)** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - |
| аз он ҷумла аз рӯйи шакли моликият | | | | | | |
| - давлатӣ | 47,8 | 27,2 | 14,7 | 10,3 | 20,7 | -27,1 |
| - хусусӣ ва коллективӣ | 50,3 | 71,3 | 83,9 | 85,6 | 77,2 | 26,9 |
| - дигар шаклҳои моликият | 1,9 | 1,5 | 1,4 | 4,1 | 2,1 | 0,2 |

**Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016. – С. 229; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019. – С.208**

Айни замон, дар ҷумҳурӣ зиёда аз 43 252 корхона фаъолият дорад, ки аз он 8940 адад давлатӣ, 33 361 хусусию коллективӣ ва 951 адад муштарак бо ширкати хориҷӣ мебошад. Пайваста бо рушди муҳити институтсионалӣ шумораи корхонаҳои хурд зиёд гардида, дар давраи 2000-2017 аз 1342 адад

то 5394 адад, яъне зиёда аз 4 маротиба афзоиш меёбад. Шумораи коргарони онҳо аз 14,8 то 30,2 ҳазор, фонди музди меҳнати онҳо ва ҳаҷми фурӯш мутобиқан 132,5 ва 236,1 маротиба афзуда аст. Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 12 639 адади соли 2000 то 172 668 адад дар соли 2018 афзуда, беш аз 70% -и майдони заминҳои кишт ба онҳо вобаста гардида, дар ин давра субъектҳои бахши хусусӣ бештари қувваи кориро ба худ ҷалб намуданд. Агар соли 1997 дар ин бахш 597,0 ҳазор нафар шуғл доштанд, пас соли 2018 ин шумора ба зиёда аз 1728,9 ҳазор нафар расида, беш аз 2,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Соли 1997 агар вазни қиёсии он 35%-ро ташкил медод, пас соли 2018 ба
66,3 % расид. Ҳамин тариқ, ташаккули асосҳои институтсионалӣ боиси афзоиши воҳидҳои институтсионалӣ гардид, ки дар натиҷа моҳияти нав пайдо намуда, ба субъектҳои мустақил табдил ёфтанд. Онҳо дорои уҳдадориҳо дар иштироки озод дар низоми иқтисодӣ ва амалиётҳо, интихоби истеҳсолӣ ва ғайраро соҳиб шуда, ба маркази қабули мустақилонаи қарорҳои иқтисодӣ дар истеҳсолу тақсимоти даромад табдил ёфтанд. Дар натиҷаи ба вуқӯъ омадани тағйироти таркибии иқтисоди миллӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ, зиддият миёни сармоя ва коргарони кироя рӯйи кор омад.

Дар диссертатсия зикр мегардад, ки ягона ниҳоде, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ метавонад шиддатнокии ин зиддиятҳоро ҳал намуда, сатҳи истисмори коргарони кирояро паст намояд, шарикии иҷтимоӣ мебошад. Фаъолияти ин ниҳод дар иқтисодиёти мамлакат солҳои охир назаррас гардида истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки солҳои охир дар муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатии субъектҳои иқтисодии мамлакат ба ғайр аз додани музди меҳнат, дигар тадбирҳои таъминкунандаи рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва рушди инсон низ дар тамоюли болоравӣ қарор дорад. Масалан, хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон дар соли 2018 нисбат ба соли 2011 3,2 маротиба афзуда, вазни қиёсии он дар маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ дар ин давра аз 19,1 то 31 фоиз, яъне 11,9 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Аммо, ин нишондиҳанда аслан аз ҳисоби пулгузаронии ҳатмӣ ба хазинаи давлатӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои суғуртаи иҷтимоӣ сурат гирифта, вазни қиёсии хароҷот барои тарбия ва азнавтайёркунии кадрҳо (аз ҷумла стипендияи донишҷӯён, хароҷот барои таъмини пулакӣ ва ғайра) бошад, дар давраи таҳлилӣ аз 0,26 то - 0,15% ва хароҷот барои хизмати маданӣ-маишӣ аз 0,24 то 0,12% кам гардидааст, ки боиси нигаронӣ аст(ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.**Арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ, миллион сомонӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **Рушд %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ –ҳамагӣ | 5688,9 | 7030,4 | 8196,5 | 8893,5 | 9722,5 | 10638,3 | 11743,8 | 206,4 |
| Фонди музди меҳнат – ҳамагӣ | 4441,2 | 5527,7 | 6498,3 | 8814,6 | 7697,3 | 8393,3 | 9260 | 208,5 |
| Аз ҷумла | | | | | | | | |
| Музди мустақими пулии кор | 3770,7 | 4625,1 | 5502,9 | 15785,2 | 6701,8 | 7267,2 | 8015,6 | 212,5 |
| Музд барои вақти бекорӣ | 229,2 | 387,0 | 476,5 | 485,3 | 557,0 | 623,8 | 703,0 | 306,7 |
| Мукофот ва мукофотпулӣ | 403,6 | 479,3 | 483,7 | 455,3 | 401,1 | 438,6 | 500,1 | 123,9 |
| Музди кор дар шакли маҳсулот | 37,7 | 36,3 | 35,1 | 180,8 | 37,3 | 63,2 | 41,4 | 109,8 |
| Хароҷоти корхона барои манзили кормандон | 3,2 | 2,8 | 1,7 | 2,6 | 7,1 | 11,3 | 3,5 | 109,3 |
| Хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон | 1123,1 | 1358,6 | 1595,5 | 1686,0 | 1875,2 | 2094,6 | 3651,0 | 325,1 |
| Аз онҳо пулгузаронии ҳатмӣ ба хазинаи давлатӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои суғуртаи иҷтимоӣ | 1067,0 | 1347,7 | 1565,8 | 1677,1 | 1855,3 | 2056,9 | 2227,1 | 208,7 |
| Хароҷот барои тарбия ва аз нав тайёркунии кадрҳо (аз ҷумла стипендияи донишҷӯён, хароҷот барои таъмини пулакӣ ва ғайра) | 15,3 | 12,8 | 9,8 | 9,1 | 27,7 | 23,6 | 17,7 | 115,7 |
| Хароҷот барои хизмати маданӣ-маишӣ | 14,1 | 12,5 | 11,5 | 14,8 | 17,0 | 9,5 | 14,6 | 103.5 |
| Дигар хароҷот | 80,3 | 90,2 | 49,4 | 9,1 | 65,5 | 93,1 | 94,8 | 118,0 |
| Андозҳое, ки ба хароҷоти қувваи корӣ дохил карда мешаванд | 11,7 | 25,9 | 30,3 | 40,5 | 19,9 | 37,7 | 89,5 | 764,9 |

**Сарчашма:** Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019, – С.170

Қайд мегардад, ки дар воқеияти ҷумҳурӣ зуҳуроте вуҷуд дорад, ки дар ҳолати вайрон гардидани шарикии иҷтимоӣ аз ҷониби корхона талаботи захираҳои меҳнатӣ дар кор татбиқ намегардад. Масалан, аксар дар ҷумҳурӣ ба чунин зуҳуроте вохӯрдан мумкин аст, ки шумораи зиёди кормандон бо ташаббуси маъмурият бе музди меҳнат ё қисман пардохтани он дар рухсатӣ қарор доранд. Дар ҷумҳурӣ шумораи коргароне, ки дар семоҳаи чоруми соли 2018 бо ташаббуси роҳбарият ба рухсатӣ фиристода шудаанд, 8,9 ҳазор нафарро ташкил намуд. Ин нишондод нисбат ба соли 2010 қариб ду маротиба кам шуда бошад ҳам, вале вазни қиёсии он дар рӯйхати шуморавӣ ҳамагӣ 0,2% кам гардид. Аммо шумораи рухсатиҳои одам-рӯз бо ташаббуси маъмурият аз 1706,2 то 1958,1 ҳазор афзоиш ёфта, мутаносибан, шумораи солонаи рӯзҳои рухсатӣ бо ташаббуси маъмурият аз 99,1 то 126,1 рӯз зиёд гардида аст. Дар натиҷаи тамоюли афзоиши ин нишондодҳо албатта ба иқтисодиёт хисорот ворид гардида, афзоиши шумораи коргарон дар бозори ғайрирасмии меҳнат ба вуҷуд меояд, ки дар бахши расмии иқтисодиёт ҷойгоҳи асосии кориро дорад.

Бояд тазаккур дод, ки шароити муҳимми шарикии иҷтимоӣ бештар дар корхонаҳои калони иқтисодиёт татбиқ мегардад. Аммо дар мамлакат корхонаҳое, ки шумораи коргарон аз 200 нафар зиёд аст, хеле кам буда, ҳамагӣ 1,8 фоизро ташкил медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бинобар кам будани шумораи ширкатҳои калони иқтисодӣ дар иқтисодиёти мамлакат, фаъолияти ниҳодҳои шарикии иҷтимоӣ заиф аст. Дар корхонаҳои хурд бошад, раванди амалигардонии шарикии иҷтимоӣ ба сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ нест. Новобаста ба ин муаммо, дар ҷумҳурӣ асосҳои институтсионалӣ ва механизмҳои ташкилии шарикии иҷтимоӣ рӯйи кор омада, дар ҳамаи сатҳ комиссияҳои сеҷониба фаъолият менамоянд, ки аз тақсими ваколати намояндагони субъектҳои шарикии иҷтимоӣ иборат аст.

Дар диссертатсия тамоюли ташаккул ва рушди падидаи шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти мамлакат муайян карда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки пайваста бо рушди субъектҳои иқтисодӣ, имконияти рушди иҷтимоии кормандон ба миён омада, ба баланд бардоштани сатҳи тахассус ва таҷрибагирии онҳо мусоидат менамояд. Дар давраи солҳои 2011-2018 шумораи кормандоне, ки аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ гузаштанд, аз 14 180 то 53 220 нафар расида, 3,7 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи ин нишондиҳанда дар шумораи миёнаи солонаи шуғлдоштагон дар иқтисодиёт дар соли 2017 2,1 %-ро ташкил намуда, нисбат ба соли 2011 (0,6%) 1,5 банди фоизӣ зиёд мебошад. Дар сохтори тайёрии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассус ва таҷрибаомӯзӣ дар корхонаю ташкилотҳои мамлакат, соли 2018 ҳиссаи занон 34%, ҷавонони то 30-сола 17,6%-ро ташкил намуда, ин нишондиҳанда рӯ ба афзоиш аст. Ҳиссаи хизматчиён 81,9%, аз он ҷумла дар он роҳбарон 7,8%, мутахассисон ҳамчун нерӯи бузурги инноватсионӣ 92,2 фоизро ташкил намуда, чунин таносуб мувофиқ мебошад. Дар давраи таҳлилӣ шумораи коргароне, ки аз тайёрии касбӣ ва бозтайёркунӣ гузаштанд, аз 3227 то 8113 нафар ва ё 2,5 маротиба афзуда, дар он занон ва ҷавонони то 30-сола вазни қиёсии баланд доранд. Ин рақамҳо тамоюли болоравӣ дошта, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар субектҳои иқтисодӣ (корхона ва ташкилот) боло рафтани сатҳи масъулияти иҷтимоӣ мушоҳида гардида, дарк намуданд, ки таваҷҷуҳ ба ин масъала омили муҳимми рушди иқтисодӣ мебошад.

Тамоюли боло рафтани сатҳи музди миёнаи меҳнат, ҳиссаи он дар арзиши иловагии сохташуда ва саривақт пардохтани он, қарздорӣ аз музди меҳнат (қарздории музди меҳнат дар 1 январи соли 2018 27600,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2013 беш аз 2,5 маротиба зиёд мебошад) нишондиҳандаи аввалияи шарикии иҷтимоӣ мебошад. Вобаста ба ин, муаллиф ҳолати қарздориро аз музди меҳнат ва нобаробарии сатҳи музди миёнаи меҳнатии ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони соҳаи иқтисодиётро (коэффитсиенти тафриқаи онро ҳисоб кардааст, ки ба 0,65 баробар аст), низ таҳқиқ намудааст.

Сипас дар диссертатсия, нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатии баҳогузории сатҳи таъсири рушди шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодӣ, яъне индикаторҳо - омилҳои асосии арзёбиро мушаххас намудааст, ки онҳо дар нақшаи 2 оварда шудааст.

Нақшаи 2. **Омилҳои таҳлил ва арзёбии шарикии иҷтимоӣ дар рушди иқтисодӣ**

| **Ҳифзи иҷтимоӣ** | **Соҳаи бозори меҳнат** | **Бехатарии демографӣ** |
|---|---|---|
| -ҳиссаи аҳолӣ бо даромадҳо аз ҳадди ақали зиндагӣ поён;<br>-таносуби даромади сарикасӣ ба ҳадди ақали зиндагӣ;<br>-таносуби нафақаи миёна ба ҳадди ақали нафақа;<br>-ҳиссаи хароҷоти аҳолӣ барои хариди маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоби миёнаи ҳар сари аҳолӣ. | -сатҳи умумии бекорӣ;<br>-ҳиссаи аҳолии дар шароити шуғли нопурра фаъолиятдошта | -камшавии табиии аҳолӣ бо дарназардошти коэффисенти муҳоҷират;<br>-интизории (пешгӯишаванда) дарозумрии аҳолӣ |

**Муаллиф тартиб додааст**

Нишондиҳандаҳои дар боло (нақшаи 2) зикргардида бо масъалаҳое, ки одатан мавзӯи муҳокима дар ҷаласаи комиссияҳои сеҷониба мебошанд, мувофиқат менамояд, аз ҷумла риояи санадҳои қонунгузорӣ дар самти муносибатҳои меҳнатӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ; пардохт ва сатҳи музди меҳнат; маблағгузории соҳаҳои бахши иҷтимоӣ; татбиқи барномаҳои мақсадноки иҷтимоӣ; баргузории чорабиниҳо ҷиҳати мусоидат ба шуғл; фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ, худидоракунӣ ва ғайра. Нишондиҳандаҳои асосие, ки рушди муносибатҳои шарикии иҷтимоиро дар сатҳи макроиқтисодӣ тавсиф менамояд, таҳлил гардидааст. Дар раванди таҳлил муаяйн гардид, ки пайваста бо болоравии сатҳи хароҷоти давлатӣ ба истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳиммияти иҷтимоидошта (маориф, тандурустӣ, илму фарҳанг) ҳаҷми истеҳсоли ММД ба ҳар сари аҳолӣ меафзояд, яъне дар ин ҷо алоқамандии корелативӣ вуҷуд дорад. Ҳисоб карда шудааст, ки афзоиши ҳаҷми

маблағгузории буҷетӣ ба истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳиммияти иҷтимоидошта ба ҳар нафар аҳолӣ ба 1%, ММД ба ҳар нафар аҳолиро 0,085% зиёд менамояд, гарчанде ҳоло заиф бошад ҳам, аммо вуҷуд дорад.

Дар диссертатсия вазъи ташкили шарикии иҷтимоӣ дар корхонаҳои саноати нассоҷии мамлакат таҳлил шуда, таъсири он ба самаранокии фаъолияти иқтисодии корхонаҳо муайян карда шудааст. Барои таҳлил 32 корхонаи нассоҷӣ, ки ҳаҷми фурӯши маҳсулот дар соли 2018 беш аз 15 миллион сомониро ташкил медиҳад, интихоб гардида, онҳо аз рӯйи вазни қиёсии хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон дар маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ, гурӯҳбандӣ карда шудааст.(Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. **Алоқамандии шарикии иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ**

| **Гурӯҳи корхонаҳо аз рӯйи вазни қиёсии хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон дар маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ,%** | **Шумораи корхонаҳо** | **Ҳосилнокии меҳнат, ҳазор сомонӣ** | **Коэффит-сиенти рақобатпазирӣ** (**ҳаҷми маҳсулоти молӣ, ки ба фурӯш нарафтааст бар ҳаҷми умумии маҳсулоти молӣ)** |
|---|---|---|---|
| Гурӯҳи 1. то 24,3% | 14 | 101,1 | 0,31 |
| Гуруҳи 2. аз 24,4-32,6 | 10 | 112,4 | 0,19 |
| Гуруҳи 3. аз 32,6 боло | 8 | 121,2 | 0,11 |

**Сарчашма:** Муаллиф аз рӯйи ҳисоботи солонаи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб кардааст (соли 2018).

Чӣ тавре, ки аз рақамҳои ҷадвали 3 аён аст, дар гурӯҳи сеюм, ки 8 корхонаро дар бар мегирад, вазни қиёсии хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон дар маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ беш аз 32,6 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба дигар гурӯҳи корхонаҳо хеле баланд аст. Бинобар ин, дар ин гурӯҳи корхонаҳо ҳосилнокии меҳнат (истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як коргар) нисбат ба гурӯҳи якум 20,1% ва нисбат ба гурӯҳи дуюм 8,8% баланд аст. Коэффитсиенти рақобатпазирӣ бошад (нисбати ҳаҷми маҳсулоти молӣ, ки фурӯшаш мушкил аст, ба ҳаҷми умумии маҳсулоти молӣ) низ мутаносибан 2,8 ва 1,7 маротиба баланд аст.

Дар диссертатсия, таъсири шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодӣ дар сатҳи субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ низ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар ин раванд, методи экспертии арзёбии ин таъсир ба рушди корхона пешниҳод ва тасдиқ гардидааст. Арзёбии нақш ва аҳамияти шарикии иҷтимоӣ дар рушди иқтисодии корхонаҳо дар мисоли Комбинати нонбарории “Султон”-и ноҳияи Восеи вилояти Хатлон таҳлил мегардад. Таҳқиқоти интихобии сотсиологӣ пайваста бо тартиби анкета – саволнома барои муайян кардани ҳолати шарикии иҷтимоӣ ва механизмҳои иҷтимоии рушди корхона дар байни роҳбарони зинаҳои болоӣ, кормандони инжинерию техникӣ, мутахассисон, коргарон тартибдодашуда мавриди омӯзиш қарор гирифт.Дар анкета 15 саволи зерин ҷойгир аст: методҳои интихоби коргарон; шакл ва методҳои пардохти музди меҳнат; фарқияти сатҳи пардохти музди меҳнат мутобиқи сатҳи тахассусӣ; фарқияти сатҳи пардохти музди меҳнат мутобиқи фаъолнокии меҳнатӣ; риояи

кафолатҳои иҷтимоии коргарон; шакл ва методҳои ҳавасмандгардонӣ; қаноатмандӣ аз сатҳи ташкили воситаи алоқаи баръакси кормандон бо роҳбарият; сатҳи автоматикунонии амалиётҳои коргарӣ; дараҷаи фаъолнокии инноватсионии кормандон (дараҷаи пешниҳодҳои самаранок ва роҳандозии онҳо); сатҳи зудҳаракатии таълим (рушди касбият, омӯзиш ва бозомӯзӣ); ҳолати ташкили фарҳангӣ; фазои равонӣ дар корхона ва коллективҳо; сатҳи шарикии корманд дар мақсадҳои корхона ва иштироки онҳо дар идоракунӣ; сифати молҳои истеҳсолӣ; мукаммалгардонии технология, методҳои истеҳсолот ва идора. Пас аз коркарди натиҷаҳои пурсишнома аён шуд, ки кормандон ба норасоии зерин нигаронӣ доранд: нокифоя будани автоматикунонии ҷойҳои корӣ, сатҳи фаъолнокии навоварӣ ва омӯзишии коргарон, сатҳи шарикӣ дар мақсад ва вазифаҳои корхона. Онҳо аз фазои равонии дар корхона мавҷудбуда, сатҳи ташкили фарҳангӣ, ҳавасмандгардонӣ ва риояи кафолатҳои иҷтимоӣ пурра қаноатманд мебошанд. Дарёфти механизми фаъол намудани қобилияти кормандон тавассути омӯзиш, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбият ба таваҷҷуҳи хосса ниёз дорад, ки аз рӯйи натиҷаи пурсиш ҳоло дар корхонаҳо ба андозаи пурра татбиқ нашудааст. Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқи сотсиологӣ фикру ақидаи кормандони корхона вобаста ба сатҳи инноватсионии коргарон дар самти пешниҳоду пешбарӣ ва зарурати коркарди механизм доир ба пешбарии ин пешниҳод дар ҳамаи сатҳҳо, инчунин татбиқи онҳо пайдо мегардад. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар корхона бояд ба масъалаи истифодаи ҳадди аксари захираҳои инсонӣ, барои ноил шудан ба муваффақият дар рақобат, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ки баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти таълимии кормандро тақозо менамояд, диққати махсус дода шавад.

Дар диссертатсия, асосҳои консептуалӣ ва тамоюли стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ асоснок гардидааст. Муаллиф бо назардошти хусусияти глобалӣ гирифтани тамоюли рушди масъулияти иҷтимоӣ дар субъектҳои бахши иқтисодӣ ва пазируфта шудани ин самт ҳамчун индикатори асосии арзёбии корхонаву ширкатҳои ҷаҳонӣ хусусияти муҳимтарини масъулияти иҷтимоӣ ва вазифаҳои давлат, корхона, (корфармоён) ва кормандон дар ин самт дар давраи кӯтоҳмуддат ва дарозмуҳлати ҷумҳурӣ ва роҳҳои татбиқи ин вазифаҳоро муайян намудааст. Бахусус, дар самти бахши корхонаҳои калон ва саҳомӣ инкишоф додани масъулияти иҷтимоии корпоративӣ қайд гардида аст. Якчанд принсип ҷудо шуда, ки бояд корхона дар самти баланд бардоштани масъулияти иҷтимоӣ риоя намояд: Якум–принсипи фаъолнокии иҷтимоӣ, ки ба ҷалби коргарони болаёқат мусоидат менамояд. Дуюм–принсипи ягонагии иқтисодӣ ва иҷтимоии ташкилкунандаи фаъолият ва дарёфти тавозуни оқилонаи ҷабҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии муносибатҳои истеҳсолӣ, ки таносуби оқилонаи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии субъектҳои иқтисодиро муаяйн менамояд. Сеюм-принсипи самаранокӣ: агар корхона даромад гирифта натавонад, пас ҳеҷ гуна масъулияти иҷтимоӣ дошта наметавонад, зеро имконияти роҳандозӣ намудани ҳадафҳои иҷтимоиро надорад. Вазифаҳои асосӣ ва принсипҳои ташкили фаъолияти иҷтимоӣ дар корхонаҳо дар ҷадвали 4. оварда шудааст.

Ҷадвали 4.**Вазифаҳои асосӣ ва принсипҳои фаъолияти иҷтимоӣ дар корхонаҳо**

| **Вазифаҳо** | **Принсипҳо** |
|---|---|
| Фароҳам овардани шароит ҷиҳати татбиқ намудани имконият ва қобилияти коргарон (аз ҷумла кор бо тамоми неру ва қобилият, худтатбиққунии меҳнатӣ, татбиқи иқтидори инфиродӣ); | Такя намудан ба иқтидорҳои худ, ки мавқеи фаъоли коргарро дар ҳалли масъалаҳои худ пешбинӣ менамояд. |
| Фароҳам овардани шароит ҷиҳати мутобиқшавии фаъол ва мутобиқ гардонии корманд дар корхона | Кафолатнокӣ-расонидани ёрии иҷтимоии ҳатмӣ ба кормандоне, ки кӯшиш менамоянд захираҳои зеҳнии худро бо ҳадди ниҳоӣ истифода баранд. |
| Пешгирӣ ва андешидани тадбирҳои пешгирикунанда барои аз байн бурдани оқибатҳои ногувор | Суроғавӣ – дастгирии иҷтимоӣ ё расонидани ёрӣ ба коргари муайян бо назардошти вазъи воқеии он |
| Ташкили таҳқиқоти илмӣ, конференсия, семинар, ҷорабиниҳои маъорифпарварию таълимӣ доир ба мушкилоти фаъолияти иҷтимоӣ дар корхонаҳо | Таваҷҷуҳи иҷтимоӣ - омӯхтан ва муайян намудани мушкилоти иҷтимоӣ дар коллективи меҳнатӣ, коргарон ва ҷустуҷӯйи механизми ҳалли онҳо |
| Коркард ва татбиқи барномаҳои гуногуни иҷтимоӣ | Фаъолияти пешгирикунанда ва таваҷҷуҳи пешакӣ-зарурати андешидани чораҳо барои пешгирии пайдоиши мушкилоти иҷтимоӣ ва мушкилоти ҳаётии корманд. |
| Ташкили хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ба кормандон | Ҷудо намудани захираҳои иҷтимоӣ-таъсис додани фонд ҷиҳати расонидани ёрӣ ба коргарони худ вобаста ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии корхона |
| Дастгирии иҷтимоии коргароне, дар шароити вазнини зиндагӣ қарор доранд | Истифодаи механизмҳои равонӣ, рӯҳӣ, шартномавӣ, қонунии дастгирии иҷтимоӣ дар ҳолатҳое, ки дигар воситаҳои дастгирӣ намемонад. |
| Ташкили мониторинги доимии иҷтимоӣ | Таъмини самаранокии корхонаҳо ҳамчун сарчашмаи татбиқи масъулияти иҷтимоӣ |

**Муаллиф тартиб додааст.**

